## Шарҳи моҳонаи таваррум • МАРТИ 2026

**Дар моҳи марти соли 2026 сатҳи таваррум[1] 0,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ кам мебошад.**

**Таварруми моҳона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




### Таварруми хӯрокворӣ

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,3 б.ф.) раванди болоравӣ дошт. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи себ 19,7 фоиз, нок 4,7 фоиз, карам 4,0 фоиз, пиёз 3,2 фоиз, шакар 2,7 фоиз, нон 2,4 фоиз, лиму 2,4 фоиз, ангур 2,0 фоиз, картошка 1,8 фоиз, равғани пахта 1,4 фоиз, равғани офтобпараст 1,0 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Дар моҳи мазкур ба болоравии сатҳи нархҳо бештар омилҳои мавсимӣ ва зиёд шудани талабот ба молу маҳсулоти истеъмолӣ, бинобар таҷлили идҳо таъсири худро расониданд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи кабудӣ 15,8 фоиз, бодиринг 11,2 фоиз, тӯшбера 1,9 фоиз, сабзӣ 1,3 фоиз, гӯшти гов 0,8 фоиз ва гӯшти гӯсфанд 0,6 фоиз ба назар расид.

**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




### Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар ин моҳ 0,2 фоиз ба қайд гирифта шуда (0,1 банди фоизӣ), бештар аз ҳисоби қиматшавии хишти пухта 2,1 фоиз, маводи шустушӯӣ 0,7 фоиз, бензин (АИ 92) 0,5 фоиз, либос ва пойафзол 0,1 фоиз мушоҳида гардид.

**Сатҳи таваррумӣ солона ва ҳадафи он бо фоиз**
(манбаъ: Агентиии омор ва Бонки миллии Тоҷикистон)




### Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда 0,6 фоизро (бо саҳми 0,1 банди фоизӣ) ташкил намуд, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи хизматрасониҳои хӯроки ҷамъиятӣ 1,1 фоиз, манзилию коммуналӣ 0,8 фоиз (бахусус қувваи барқ

1,8 фоиз), нақлиёт 0,5 фоиз, маишӣ 0,3 фоиз ва маориф 0,1 фоиз ба амал омад.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи марти 2026, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (5%±2 банди фоизӣ) қарор дошта, 3,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта бетағйир мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи марти соли 2026 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 30,9 фоиз, Қазоқистон 11,0 фоиз, Ӯзбекистон 7,1 фоиз, Россия 5,9 фоиз, Беларус 5,4 фоиз, Арманистон 4,5 фоиз ва Гурҷистон 4,3 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи март 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,4 фоиз баробар гардид.

**Бо мақсади дар доираи ҳадафи муқарраршуда, нигоҳ доштани сатҳи таваррум Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро бо истифода аз воситаҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Таварруми дар моҳи март дар кишварҳои шарикони асосии савдо ва минтақа бо фоиз**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррӯми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | 2026 | | | Март, тағйирёбии моҳона бо % |
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Март | Июн | Июл | Сен | Дек | Янв | Фев | Март | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,4** | **2,8** | **3,5** | **3,6** | **3,6** | **3,4** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **52,0** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **4,1** | **4,5** | **3,1** | **4,4** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,5 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -3,2 | -5,7 | -5,1 | -3,0 | 0,4 | 0,9 | 1,3 | 3,3 | 0,0 |
| Биринҷ | 2,6 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 5,1 | 0,7 | -0,8 | -2,6 | -3,9 | -7,1 | -8,2 | -10,1 | -2,1 |
| Орд | 4,1 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -11,0 | -13,2 | -13,0 | -13,1 | -11,5 | -7,9 | -6,3 | -4,2 | 0,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,6 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,6 | 15,1 | 14,1 | 13,8 | 10,9 | 11,6 | 11,0 | 9,6 | -0,4 |
| Гӯшти гов | 3,5 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 24,7 | 25,0 | 23,2 | 20,8 | 14,4 | 14,9 | 14,0 | 12,1 | -0,8 |
| Тухм | 1,9 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 10,1 | 22,1 | 26,0 | 7,7 | 6,0 | 1,0 | 4,5 | -2,6 | -1,1 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 5,5 | 5,6 | 4,2 | 3,8 | 6,3 | 5,4 | 5,5 | 2,8 | 0,2 |
| Шир | 0,8 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 9,3 | 10,5 | 11,1 | 5,3 | 10,6 | 9,4 | 8,7 | 2,4 | 0,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,3 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 14,4 | 15,0 | 12,2 | 11,1 | 3,6 | 4,7 | 4,2 | 4,3 | 1,1 |
| Меваҷот | 3,3 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -7,4 | -15,4 | -10,3 | -2,7 | 7,3 | 10,4 | 10,5 | 8,9 | 5,8 |
| Сабзавот | 6,9 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 7,4 | 24,1 | 23,2 | 8,1 | 9,8 | 6,7 | 4,7 | 0,0 | 0,3 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -9,7 | -8,1 | -8,8 | -9,4 | -8,2 | -5,8 | -6,3 | -3,2 | 2,7 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,9 | 2,8 | 3,4 | 3,7 | 4,0 | 0,3 |
| Хӯроки умумӣ** | 1,1 | 9,0 | 6,3 | 6,3 | 10,9 | 5,9 | 13,1 | 13,7 | 14,6 | 8,9 | 8,8 | 6,8 | 8,1 | 1,1 |
| Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку | 0,7 | 3,0 | 4,5 | 5,7 | 9,4 | 9,4 | 7,9 | 5,7 | 5,5 | 1,8 | 1,6 | 0,8 | 0,9 | 0,1 |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **36,1** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **2,3** | **1,7** | **1,0** | **1,5** | **1,9** | **1,1** | **1,2** | **0,2** |
| Либос ва пойафзол | 13,0 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 2,2 | 1,4 | 1,8 | 3,2 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 2,8 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,9 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,6 | 1,4 | 1,4 | 0,2 | 1,3 | 0,6 |
| Маводи шустушӯй | 1,0 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | -1,9 | -2,6 | -1,8 | 2,7 | 4,1 | 4,1 | 4,1 | 5,4 | 0,7 |
| Доруворӣ | 0,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,2 | 2,9 | 2,9 | 1,4 | -0,3 | -0,5 | -4,2 | -3,4 | 0,9 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,5 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | -0,1 | -3,6 | -13,4 | -20,0 | -14,4 | -6,8 | -7,9 | -9,8 | -2,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 3,7 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 2,6 | 2,7 | 0,4 | 0,4 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 2,6 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 2,1 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 1,5 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,5 | 1,8 | 1,6 | 1,4 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **12,4** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,3** | **4,2** | **4,1** | **5,3** | **5,7** | **5,2** | **7,3** | **7,3** | **0,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,1 | 7,8 | 6,7 | 10,1 | 10,9 | 10,8 | 17,7 | 18,5 | 0,8 |
| Иҷорапулии манзил | 0,8 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,9 | 6,8 | 6,8 | 6,7 | 5,5 | 2,0 | 1,0 | 0,8 | 0,1 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 40,5 | 36,1 | 36,9 | 0,6 |
| Қувваи барқ | 2,2 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 14,1 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 13,7 | 29,7 | 31,9 | 1,7 |
| Оби гарм | 0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,2 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -1,0 | 0,3 | -16,6 | -29,3 | -24,3 | -10,4 | -10,5 | -15,6 | -6,4 |
| Нақлиёт | 1,9 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 0,9 | 1,4 | 1,0 | -0,3 | -4,8 | -4,6 | -4,9 | -5,1 | 0,5 |
| Алоқа | 1,9 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 3,3 | 2,8 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 0,5 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,5 | 4,1 | 4,0 | 4,0 | 0,1 |
| Тандурустӣ | 1,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | -1,8 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -0,1 | -0,1 | 0,3 | 3,7 | 2,2 |
| Маишӣ | 2,1 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 6,4 | 2,6 | 3,8 | 5,2 | 9,8 | 9,0 | 8,3 | 8,3 | 0,3 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо